# Китоб ёри беҳамто

Submitted by Ҳайати тадорукот on 13 July, 2022 - 14:54
[1]

Рӯзи 7-уми июли соли 2022 дар Сафорати Ҷумҳурии Исломии Эрон мулоқот ва маросими ҳадяи китобҳои нашрнамудаи Фарҳангистони забон ва адаби Ҷумҳурии Исломии Эрон ба Кумитаи забон ва истилоҳоти назди ҲҶТ баргузор гардид. Намояндагони Кумитаро Сафири Ҷумҳурии

Исломии Эрон дар Тоҷикистон Муҳаммадтақӣ Собирӣ ба ҳузур пазируфт. Дар ҷараёни мулоқот тарафҳо ҷиҳати амалишавии Ёддошти тафоҳум байни Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Фарҳангистони забон ва адаби форсии Ҷумҳурии Исломии Эрон оид ба ҳамкорӣ дар бахши забон ва истилоҳот, ки аз 10-уми сентябри соли 2014 ба имзо расидааст, изҳори ақида намуда, тасмим гирифтанд, ки минбаъд ҳамкориҳои дуҷонибаро дар самти забон ва истилоҳот миёни ин ду кишвари ҳамзабону ҳамфарҳанг, ки таъриху тамаддуни муштарак доранд, густариш диҳанд.
Ҳамзамон, сафири Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Тоҷикистон ҷаноби оқои Муҳаммадтақӣ Собирӣ китобҳои ба тозагӣ интишоргардида ва тозанашри нашрияҳои Ҷумҳурии Исломии Эронро, ки Кумита расман дархост намуда буд, муаррифӣ намуданд.
Қобили зикр аст, ки Сафорат бо ҳамкории Фарҳангистони забон ва адаби форсии Ҷумҳурии Исломии Эрон 500 адад китобу фарҳангномаҳо ва дастурҳо, аз ҷумла, фарҳангномаҳои тахассусӣ, усул ва завобити вожагузинӣ, дастурҳо оид ба забоншиносӣ, забонҳои ва гӯйишҳои эронӣ, Фарҳанги вожаҳои мусавваб, ҳазорвожаҳои тахассусӣ, фарҳангномаҳои тафсирии форсӣ, решашинохтӣ, англисӣ ба форсӣ, узбекӣ ба форсӣ, донишномаҳо ва дигар китобу луғатномаҳоро ба Кумита ҳадя намуд, ки ин дар ҳамгунсозии вожаву истилоҳоти ду кишвари ҳамзабон таъсири мусбат мерасонад.
Сафири Ҷумҳурии Исломии Эрон ва намояндагони Кумита ин иқдом ва ҳиммати Сафорат ва раванди ҳамкорӣ дар ин самтро дар таҳкими ҳамкориҳои минбаъдаи кишвари Эрон ва Тоҷикистон муҳим арзёбӣ карданд, ки чунин ташаббуси нек аз дӯстиву рафоқат ва ҳамкориҳои муштараки ин ду кишвари ҳамзабону ҳамфарҳанг дар бахши рушди забон ва истилоҳоти забонӣ буда, муносибату ҳамкориҳои минбаъдаро таҳким мебахшанд, ки ин ҳама тавассути як забони ваҳдатсаро амалӣ карда мешавад, то мо дар якҷоягӣ адабиёту фарҳанги муштараки хешро ба ҷаҳониён муаррифӣ карда тавонем.

Масъули навбатдори ВАО Р. Зулфониён

**Content rating:** 5

Average: 5 (5 votes)

Rate

## Category:

- Ахбори рӯз [2]

- 

-

- 

- 

-

**Source URL:**http://kumitaizabon.tj/en/node/6853?mini=2025-06

**Links**
[1] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/field/image/IMG-20220708-WA0002.jpg [2] http://kumitaizabon.tj/en/taxonomy/term/10 [3] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/IMG-20220708-WA0001.jpg [4] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/IMG-20220708-WA0002.jpg [5] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/IMG-20220708-WA0005.jpg [6] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/IMG-20220708-WA0006.jpg [7] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/IMG-20220708-WA0007.jpg [8] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/IMG-20220708-WA0010.jpg [9] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/IMG-20220708-WA0011.jpg [10] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/IMG-20220708-WA0012.jpg [11] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/IMG-20220708-WA0015.jpg [12] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/IMG-20220708-WA0016.jpg [13] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/IMG-20220708-WA0017.jpg